*УДК 331*
*ББК 65.240.51*

| | |
|---|---|
| ***БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР НОҲИЯИ ЗАФАРОБОД*** | ***Азимов Абдумавлон Ҷалилович,*** *д.и.и., профессор ДИСДДТТ;* ***Ҳакимов Аббос Акбарович,*** *унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ ДИСДДТТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ ЗАФАРАБАДСКОГО РАЙОНА*** | ***Азимов Абдумавлон Джалилович,*** *д.э.н., профессор ИЭТ ТГУК;* ***Хакимов Аббос Акбарович,*** *соискатель кафедры экономическая теория ИЭТ ТГУК (Таджикистан Худжанд)* |
| ***SOME PROBLEMS OF POPULATION'S EMPLOYMENT IN ZAFAROBOD NOKHIYA*** | ***Azimov Abdumavlon Jalilovich,*** *Dr. of Economics, Professor of the department of the theory of economy under the IET TSUC;* ***Hakimov Abbos Akbarovich,*** *claimant for candidate degree of the department of the theory of economy under IET TSUC (Tajikistan, Khujand),**E-MAIL**: abbos_a88 @mail.ru* |

***Калидвожаҳо:*** *шуғли аҳолӣ, муаммоҳои шуғл, қувваи корӣ, бекорӣ, захираҳои меҳнатӣ, музди меҳнат, шуғли ғайрирасмӣ, муаммоҳои соҳаи кишоварзӣ, омилҳои пайдоиши муаммоҳо*

*Барои муайян ва ошкор кардани муаммоҳои минтақавии шуғли аҳолӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравaнд, кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Сабабҳои асосии муаммоҳои шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод - кам будани ҷойҳои корӣ, паст будани маош дар корхонаҳои амалкунанда, мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ ва нисбатан баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Саҳми шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод барои бо кор таъмин кардани бекорон дар солҳои 2018-2019 арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон сарчашмаҳои ба миён омадани муаммоҳои мазкур муайян карда шудаанд ва тағйирёбии онҳо дар муддати якчанд сол инъикос гардидааст. Методли муқоисавӣ – оморӣ, ҳамчунин методи нақшагирӣ ва гузаронидани корҳои таҳлилӣ дар ин соҳа истифода шудаанд, таъсири оқибатҳои муаммоҳои шуғл ба иқтисодиёт ва аҳолӣ шарҳ дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *занятость населения, проблемы занятости, рабочая сила, безработица, трудовые ресурсы, неофициальная занятость, проблемы аграрной отрасли, факторы появления проблем*

*Проблемы региональной занятости населения являются одними из основных факторов, влияющих на экономический рост страны. Целью исследования является определение и объяснение этой проблемы. Анализируется проблема занятости населения в Зафарабадском районе на основании показателей уменьшения рабочих мест, низкого уровня зарплаты на действующих предприятиях, из-за проблем в аграрной отрасли и высокой ставки кредитных процентов. Кроме того, отмечена роль Агентства труда и занятости населения Зафарабадского района по обеспечению занятости и уменьшению безработицы в 2018-2019 годах. Одновременно определены источники образования этих проблем и показаны изменения в них в течение нескольких лет. Применен сравнительно-*

*статистический метод, а также методы планирования и проведения аналитических работ в этой сфере, выявлено влияние проблемы занятости населения на экономику и демографические показатели региона.*

***Keywords:*** *employment of population, problems of employment, labour force, unemployment, labor resources, unofficial employment, problems in agrarian branch, factors of problems upspringing*

*The article dwells on the problem of regional employment of population as the mostly burning one in state economy. The authors try to account for the factors preconditioning the formed plight. Here refer reduction of job vacancies, low wages, high credit interests in the agrarian branch. Zafarabad nokhiya as a small administrative-territorial unit specializing in agriculture is taken as an example. The authors explore the economy situation referring to the period of 2018-2019. They touch upon the issues of the origin of the problems enumerated above and their vascillations for certain spans of time. Concurrently the authors consider such moments as statistics demography adding to the elucidation of the situation dealt with.*

Шуғли аҳолӣ яке аз мафҳумҳои иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, омили асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат мебошад. «Шуғл - ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат мебошад, ки ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меоварад. [1, с. 73].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт афзоиши шумораи бекорон яке аз масъалаҳои ҳалталаби иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар аксари давлатҳои мутараққӣ аз байн бурдани бекорӣ таъмини иштиғоли пурра мақсади олӣ ба ҳисоб меравад.

Бекорӣ дар кишвар масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба миён меорад. Аз ҷумла аз лиҳози иҷтимоӣ ҳангоми дар мӯҳлати муайян идома ёфтани бекорӣ коркунони бекормонда дараҷаи тахассуси худро аз даст медиҳанд, ки боиси бад шудани вазъи ҷисмонию психологии коргар шуда метавонад. Аз лиҳози иқтисодӣ бошад, ҳангоми афзоиши бекорӣ ҳаҷми тақозо, пасандоз, маблағгузорӣ ва маҷмӯи арза кам мешавад. Дар илми иқтисодиёт барои нишон додани натиҷаи таъсири бекорӣ ба сатҳи истеҳсолот қонуни Оукенро истифода мебаранд. Мувофиқи ин қонун дар сурати як фоиз зиёд шудани дараҷаи ҳақиқии бекорӣ аз дараҷаи табиӣ бекорӣ ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти миллӣ (МММ) то 2,5% кам мешавад.

Камшавии шуғли аҳолӣ дар бахши давлатӣ, рушди шуғли ғайрирасмӣ, тағйири сохтори соҳавӣ, афзоиши бекории пинҳонӣ, рушди кори муваққатӣ, зиёдшавии нобаробарии даромади аҳолӣ ва ғайра, ки дар маҷмӯъ муаммоҳои шуғли аҳолиро ифода менамоянд, ба низоми иқтисоди бозорӣ таъсири назаррас мерасонанд [2, 15-20].

Муаммоҳои шуғли аҳолӣ асосан аз иқтисодиёти минтақавӣ сарчашма гирифта, таъсири манфии худро ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт мерасонад. Якчанд ҷанбаҳои масъалаҳои шуғли аҳолиро дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таҳлил менамоем. Ноҳияи Зафаробод, ноҳияи кишоварзӣ буда, қисми зиёди аҳолии он дар ин соҳа фаъолият мебаранд.

Пеш аз муайян намудани мушкилиҳои шуғли аҳолӣ мо бояд нишондиҳандаҳои бозори меҳнати ноҳияро таҳлил намоем. Воқеияти ноҳия мавҷудияти бозори меҳнати "сеҷузъа" муайян мекунад, ки онро ба ҳиссаҳои шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ҷудо намудан мумкин аст.

***Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод (солҳои 2014-2019)***

| **Солҳо** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **Соли 2019 нисбат ба 2015** | **Тағирёбӣ бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи аҳолӣ (нафар)** | 67434 | 69349 | 70823 | 72365 | 73917 | 75035 | 108,1 | +8,1 |
| **Захираҳои меҳнатӣ (нафар)** | 38700 | 39047 | 39211 | 41216 | 42308 | 42740 | 109,4 | +9,4 |
| **Қувваи корӣ, аз он ҷумла, аҳолии машғул (нафар)** | 26330 | 26623 | 26910 | 28420 | 28630 | 28904 | 108,5 | +8,5 |
| **Қувваи кории истифоданашуда (нафар)** | 2203 | 2308 | 2402 | 2540 | 2652 | 2780 | 120,4 | +20,4 |
| **Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ.** | 3890 | 3054 | 3478 | 3008 | 2981 | 3256 | 106,6 | +6,6 |
| **Бекорони расман эътирофшуда (нафар)** | 104 | 508 | 712 | 506 | 1115 | 1161 | 228,5 | +128,5 |

***Манбаъ:*** *Омори солонаи ноҳияи Зафаробод, 2018- С.57; Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои январ-декабри соли 2019. – С. 25-28.*

Тибқи додаҳои ҷадвали 1 муайян гардид, ки нишондиҳандаи қувваи корӣ аз соли 2015 то соли 2019 8,5%, шумораи бекорони расман эътироф шуда бошад 128,5% афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда зиёдшавии сафи бекоронро нисбат ба кувваи корӣ ифода менамояд. Дар ноҳия ба монанди барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ, паст будани сатҳи саводнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ, нисбатан баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, сатҳи пасти музди меҳнат ва пурра обёрӣ нашудани заминҳои кишоварзӣ омилҳои ташаккулёбии мушкилот дар соҳаи шуғли аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ноҳия соли 2019 захираҳои меҳнатӣ 42740 нафар аз ҷумла аҳолии машғули меҳнат 28904 нафар, муҳоҷирони берунӣ 3256 нафар, қувваи кории истифоданашуда 2780 нафар, бекорони расман эътирофшуда 1161 нафарро ташкил карданд ва боқимонда 6639 нафар ё ин, ки 15,5 % -и захираҳои меҳнатиро шахсони бо нигоҳубини кӯдакон машғул буда, бекорон ва ашхоси дорои шуғли ғайрирасмӣ ташкил менамоянд.

Ҷойҳои коре, ки шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия ба бекорон пешниҳод мекунад, асосан дар бахши давлатӣ буда, музди кораш ба меҳнатталабии кор мутаносиб нест. Бекорон маҳз ба сабаби камии маош, зиёдии масъулият ва меҳнатталабии зиёди кор ба ҷойҳои холии корӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд.

***Ҷадвали 2. Фаъолияти шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Зафаробод дар соли 219 нисбат ба соли 2018***

| **Нишондиҳандаҳо** | 2019 | 2018 | Фоиз | Фарқ (+,-) |
|---|---|---|---|---|
| **Шумораи бекорони ба қайд гирифта (нафар)** | 1161 | 1115 | 104,1 | 46 |
| **Бо кор таъмин шуда (нафар)** | 969 | 787 | 123,1 | 182 |
| **Ба касбомӯзӣ ҷалбшуда (нафар)** | 180 | 186 | 96,8 | -6 |
| **Ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалбшуда (нафар)** | 67 | 67 | 100,0 | - |
| **Бекороне, ки ба онҳо кӯмакпулӣ таъин шудааст (нафар)** | 132 | 127 | 103,9 | 5 |
| **Бекорони қарз гирифта (нафар)** | 41 | 40 | 102,5 | 1 |
| **Маблағи қарзи имтиёзнок (сомонӣ)** | 151000 | 114800 | 131,5 | 36200 |
| **Ярмаркаҳои гузаронидашуда (маротиба)** | 14 | 14 | 110,0 | - |
| **Бекорони аз қайд баровардашуда (нафар)** | 192 | 173 | 111,0 | 19 |
| **Аҳолии бешуғл (нафар)** | 482 | 467 | 103,2 | 15 |
| **Бекорони дар қайд буда (нафар)** | 237 | 346 | 68,5 | -109 |
| **Шумораи ҷойҳои кори холӣ дар ноҳия (воҳиди корӣ)** | 127 | 155 | 81,9 | -28 |

***Манбаъ:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои январ-декабри соли 2019. –С. 25.*

Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод барои бо кортаъминкунии аҳолии ноҳия корҳои мушаххасро аз рӯи барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ иҷро менамояд. Аз 1161 нафар бекорони бақайд гирифта 969 нафарашон бо кор таъмин шудаанд, ки ин 83,5% ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла 41 нафар бо қарзҳои имтиёзноки инфиродии пешниҳодкардаи шуъба фаъолияти соҳибкориро ба роҳ мондаанд. Расман чун бекор 237 нафар сабти ном шудаанд, лекин шумораи ҷойҳои кори холӣ 127 воҳиди корӣ мебошад. Корро асосан дар корхонаҳои давлатӣ, ки моҳонаи миёнаи онҳо 570 сомонӣ аст, пешниҳод мекунанд. Таҳлили бозори меҳнат собит месозад, ки музди миёнаи меҳнати кормандони 13 соҳаи амалкунанда, ки ба 4161 нафар мерасад, дар соли 2019 823 сомонию 74 дирамро ташкил кардааст. Мувофиқи меъёр сабади истеъмолии ҳар шахс дар як руз 405 грамм нон, 112 грамм гӯшт, 25 грамм моҳӣ, 316 грамм шир, 46 грамм равған, 55 грамм шакар, 455 грамм сабзавот, 340 грамм мева, 252 грамм картошка ва ним дона тухмро дар бар мегирад, ки арзиши он ба ҳисоби миёна аз рӯи нархҳои воқеӣ 31 сомонӣ, дар як моҳ 930 сомониро ташкил мекунад. Чӣ тавре, ки мебинем, арзиши сабади истеъмолӣ аз моҳонаи миёна бештар аз 100 сомонӣ зиёд аст.

Пурра обёрӣ нагардидани заминҳои кишти хоҷагиҳои деҳқонӣ муаммои дигари шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия обтаъминкунии

заминҳои обӣ бо таври сунъӣ сурат мегирад. Масоҳати заминҳои обӣ - 35807 гектар буда, 24000 га бо воситаи пойгоҳҳои обкашӣ барои як ҳосил гирифтан бо об таъмин мебошад. Як қисми 11807 гектари замини боқимонда аз чоҳҳои амудӣ бо об таъмин мегарданд. Деҳқонони ноҳия инчунин бо рустанипарварӣ ва чорводорӣ низ м ашғуланд.

Дар ноҳияи Зафаробод аз рӯи маълумоти ҳисоботи нозироти андоз 4068 хоҷагии деҳқонӣ мавҷуд аст [5].

Агар дар ҳар як хоҷагии деҳқонии ноҳия бо ҳисоби миёна 4 нафар кор кунад, шумораи умумии кормандон 16272 нафарро ташкил менамояд. Ҳамаи кормандони мазкур коргарони мавсимианд, зеро аксарияти хоҷагиҳо дар як мавсим аз қитъаи замини хоҷагӣ як ҳосил мегиранд. Бино ба гуфти мутахассисон иқлими ноҳияи Зафаробод ба гирифтани ду ё се ҳосил мусоид аст, лекин иқтидори обёрикунии ноҳия ба рӯёндани як ҳосил мерасад. Пойгоҳҳои обкашии ноҳия соли 1966 сохта шуда, қобилияти кории онҳо нисбат ба иқтидораш 0,3 маротиба кам шудааст. Дар сурати барқарор кардани иқтидори пурраи пойгоҳи обкашӣ ва каналҳои ноҳия 16272 нафар бо ҷойи кори мавсимии босамар таъмин шуда, ба иқтисодиёти ноҳия саҳми дучанд гузошта метавонанд.

Инчунин як қисми аҳолӣ бо чорводорӣ машғул мебошад, ки он низ аз истифодаи самараноки замин вобастагӣ дорад. Агар хоҷагидорони ноҳия аз қитъаи замини хоҷагии ба зиммаашон вобаста буда, ду- се ҳосил гиранд, кори мавсимии онҳо бо кори доимӣ табдил меёбад. Инчунин ҳангоми ду ва ё се ҳосил гирифтан ташкил кардани соҳаи чорводорӣ дар назди хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба коҳиши ташаккули бекорӣ дар ноҳия мусоидат менамояд.

Баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ масъалаи дигарест, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонад. Ҳоло дар ноҳия 10 намояндаи бонкҳои тиҷоратӣ фаъолият мекунад, ки фоизи пастарини қарзи дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳодкунандаи онҳо 24%-и солона мебошад. Дар ҷадвали 3 қарзҳои бонкҳои тиҷоратию давлатии ноҳия то 1-уми январи соли 2020 таҳлил шудааст.

***Ҷадвали 3. Маблаггузорӣ аз тарафи бонкҳо то 01.01.2020 дар ноҳияи Зафаробод (ҳазор сомонӣ)***

| Шумораи қарз гирифтагон (нафар) | Ҳамагӣ қарзҳои додашуда | Мувофиқи соҳаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кишоварзӣ | Саноат | Сохтмон | Савдо | Истеъмолот | Дигар соҳаҳо |
| 6132 | 57196,9 | 25826,0 | - | 1139,0 | 2972,0 | 9621,5 | 17638,4 |

***Манбаъ:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои январ-декабри соли 2019 - С.27.*

Қисми зиёди қарзҳои бонкии ба аҳолии ноҳия додашуда ба соҳаи истеъмолӣ рост меояд. Дар ноҳия дар соли 2019 ҳамагӣ бо маблағи 57196,9 ҳазор сомонӣ қарз бо мизони аз 24 то 30 фоиз дода шудааст. Қарзҳои додашудаи соли 2017 дар ҳамин соҳа аз рӯи мизони 36 фоиз бо маблағи 17173,3 ҳазор сомонӣ мебошад, яъне маълум мегардад, ки чи қадаре, ки фоизи қарз паст шавад, ҳаҷми маблағи қарзӣ ва шумораи

қарзгирандагон зиёд шуда, захираҳои меҳнатӣ бо шуғл банд мешаванд [3, с.171].

Инчунин бо паст шудани фоизҳои қарзи бонкӣ, субъектони соҳаи кишварзӣ фоидаи бештарро ба даст меоранд. Ҳоло дар ноҳия хароҷоти субъекти соҳаи кишоварзӣ барои кишти 1 га пахта 8000 сомониро ташкил мекунад. Аз 1 га ба ҳисоби миёна 30 сентнер ҳосил ба даст меояд. Агар ҳосили мазкур бо нархи 4,80 сомонӣ/кг фурӯхта шавад, маблағи даромад 14400 сомониро ташкил медиҳад. Мабалғи қарзи 8000 сомонӣ аз рӯи бо 24 фоизи солона 9077,72 сомонӣ мешавад. Фоидаи деҳқон 5322,28 сомонӣ мебошад, ки ин бо ҳисоби миёна дар як моҳ 5323/6моҳ=887,04 сомониро ташкил мекунад.

Масъалаи дигари соҳаи кишварзӣ паст будани сатҳи саводнокии мутахассисон ва кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад, онҳо қоидаҳои агротехникӣ ва истифодаи самарабахши оби полезиро ба қадри бояду шояд намедонанд. Дар ноҳияи Зафаробод аксарияти соҳибони хоҷагиҳои деҳқонӣ ба касбу кори гуногун фаъолият намуда, кори хоҷагии деҳқонӣ барои онҳо шуғли иловагӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҳисоб талафи зиёди об, кам шудани ҳосилнокӣ ва истифодаи ғайрисамарабахши замини хоҷагӣ ба мушоҳида мерасад. Агар хоҷагиҳои деҳқонии мазкурро мутахассисон ва шахсони алоҳида салоҳиятдор чун шуғли асосӣ истифода баранд, масъалаи нарасидани оби полезӣ ва коҳиши ҳосилнокии меҳнат ҳали худро ёфта, шумораи бекорон низ дар ноҳия нисбатан кам мешаванд.

Аз рӯи маълумоти нозироти андоз соли 2019 дар ноҳияи Зафаробод шумораи соҳибкорон- шахсони ҳуқуқӣ 459 нафар, соҳибкорон- шахсони воқеӣ 1211 нафарро ташкил кард, ки онҳо ба бартараф намудани муаммоҳои шуғли аҳолӣ мусоидат менамоянд. [5]

Фаъолияти аксари соҳибкорон- шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ ба роҳ монда шудааст. Омили дигаре, ки ба шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад, дар ноҳия мавҷуд набудани корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад. Ҳоло дар ноҳия нуҳ корхонаи пахтатозакунӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо зиёда аз 300 нафар кор мекунанд, ҳамаи ин коргоҳҳо мавсимӣ ҳастанд.

Аз рӯи мушоҳида ва таҳлил дар ноҳияи Зафаробод муаммоҳои зерини шуғли аҳолии муайян карда шуданд:

- пурра таъмин нашудани заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ дар давраи мавсим.
- Нобаробарии афзоиши қувваи корӣ нисбат ба таъсиси ҷойҳои корӣ;
- мушкилии инфиродии бекорон (нодуруст интихоб кардани касб, надоштани саводи муайян оид ба касб, иродаи ноустувору надоштани малака ва ғайраҳо);
- паст будани маоши ҷойҳои холии кор, ки аз тарафи шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳод мегарданд;
- баланд будани фоизи қарзи бонкӣ;

Дар ноҳияи Зафаробод зарурати таъмири пойгоҳҳои обкашии ноҳия ва барқароркунии каналҳои обгузар яке аз роҳҳои ҳалли муаммои шуғл мебошад. Ҳамзамон бонкҳои тиҷоратӣ бояд фоизи қарзро вобаста ба минтақаҳо тафриқабандӣ намуда, дар минтақаҳои аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ ва коммуникатсия маҳдуд, шароити обёрикунии сунъӣ фоизи пастарини қарзро пешниҳод намоянд.

Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолиро зарур аст хизматрасониҳоро аз рӯи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, сомонаи худро таъсис диҳад, ки бекорон дар он бевосита дар бораи ҷойҳои кори холӣ маълумот дастрас карда тавонанд. Дар феҳристи ҷойҳои кори холии шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, зарурати таъсис додани маҷмуи ғояҳои фаъолияти соҳибкорӣ

ҷоиз аст, ки бекорон вобаста ба шароит, қобилият ва имкониятҳои худ ғояро интихоб намуда, фаъолияти худро таъсис диҳанд, зеро «беҳтарин кор ин аз рӯи касби дӯстдошта фаъолият намудан мебошад, ки инсон ҳамаи қобилият ва имконияташро барои иҷрои он сарф намуда самараи баландтаринро ба даст меорад» [6, с.9].

Лозим ба таъкид аст дар дигар ноҳияҳои вилояти Суғд, аз ҷумла ноҳияи Мастчоҳ, Ашт ва Ҷаббор Расулов низ муаммоҳои шабеҳ ба муаммоҳои соҳаи шуғли аҳолии Зафаробод мушоҳида мерасад, зеро аҳолии ин минтақаҳо ҳам асосан дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мебаранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияи Зафаробод бо назардошти яке аз самтҳои асосии стратегияи давлатӣ будани шуғли аҳолӣ дар ин самт як қатор барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, аз ҷумла Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ҳадафи чоруми миллӣ – эълон шудани саноатикунонии босуръати кишвар, барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021 [7], таъсиси грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси вилоят ба занони бе шуғл, ҷалби сармояҳои дохиливу хориҷиро амалӣ гардонида истодааст, ки дар оянда ба ҳалли тадриҷии муаммоҳои шуғли аҳолӣ ва кам кардани шумораи бекорон дар ноҳия мусоидат мекунад.

### *Пайнавишт:*

1. *Яҳёев О. Ҳодиев Д, Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат (воситаи таълимӣ), Қисми якум Душанбе: Ирфон,2007.- 275 с.*
2. *Генкин Б. М. Экономика и социология труда: учебник для вузов. – М: Издательская группа «НОРМА–ИНФРА М», 1999. – 384 с.*
3. *Омори солонаи ноҳияи Зафаробод. Нашрияи шуъбаи омори ноҳияи Зафарободи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. -184с.*
4. *Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои январ-декабри соли 2019. Нашрияи шуъбаи омори ноҳияи Зафарободи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2019,- 52с.*
5. *Ҳисоботҳои нозироти андози ноҳияи Зафаробод дар давраи соли 2019 (Архиви нозироти андози ноҳияи Зафаробод)*
6. *Попов А. 100 способов заработать деньги в трудные времена.- М:АСТ «Астрель»,2010. - 193 с.*
7. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри 2019 сол. – www. president.tj (санаи муроҷиат 18.04.2020с)*

### *Reference Literature:*

1. *Yahyoev O. Hodiev D, Economy and Social Labour (scholastic allowance). Part one, Dushanbe: Cognition, 2007. - 275 pp.*
2. *Ghenkin B. M. Economy and Sociology of Labour Textbook for higher schools – M.: publishing group NORMA-INFRA, 1999. – 384 pp.*
3. *Statistical Annual of Zafarobod Nokhiya. Pubishers' Division on Statistics of Zafarobod Nokhiya Management Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat 2018. -184 pp.*

4. *Economy Social Status of Zafarobod Nokhiya for January-December, 2019. Publishers' Division on Statistics of Zafarobod Nokhiya Management Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat. – 2019. – 52pp.*
5. *Reports of Tax Inspection of Zafarobod Nokhiya for 2019 (Archive of Tax Inspection of Zafarobod Nokhiya).*
6. *Popov A, 100 ways to Earn Money in Hard TImes ACT, Astrel M: 2010. -193 pp.*
7. *The Message of Tajikistan Republic President, Leader of the Nation Reverend Emomali Rakhmon to the Supreme Council (Majlisi Oli) of Tajikistan Republic from December 26, 2019. - www.president.tj (date of request: 18.04.2020).*